ТАҚРИЗ

ба фишурдаи автореферати Рамазонова Рақабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ », ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус

Дар муқаддима аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор гирифта, инчунин таҳлилу интиқоди асосҳои назариявӣ ва методологии мавҷуда оварда шудааст. Мушкилоти илмӣ аниқ муайян карда шуда, мақсаду вазифаҳои тадқиқот ба низом дароварда шуда, гипотезаи тадқиқот пай дар пай пешниҳод карда шуд. Илова бар ин, навигарии илмӣ асоснок карда шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот аз нуқтаи назари илмӣ исбот карда шуд.

Дар таҳқиқот барои хонандагони имконияташон маҳдуддошта иштирок дар маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва рассомӣ яке аз вазифаҳои омода шудан ба ҳаёти минбаъдаро муаззаф медонад, ки хонандагон дар як лаҳзаеҳам бошад маҳдудияти худро фаромуш мекунанд. Мушкилоти осеби равонӣ , фишору ҳаяҷони онҳоро пас менамояд. Онҳоро як лаҳза хушҳол месозад, асабро ором менамояд. Хонандагоне, ки ба бӯҳрон гирифтор шудаанд, изтироб ё афсурдагӣ доранд, иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ба онҳо имконият медиҳанд, ки руафтодагии худро бартараф намоянд ва ҳаётро ба хушҳоли гузаронанд.

Олимони ватанӣ, ки оид ба масъалаҳои қобилияти эҷодии тамоми табақаҳои аҳолӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва махсус ақидаи хешро рӯйи қалам овардаанд ва фарқ аз ин фишурда ба таври пурра маълумотҳо гирдоварӣ шудааст. Дар ин пажуҳиш махсусан қайд карда шудааст, ки муошрати байни хонандагон ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ ба амал меояд ва муошират воситаи муҳимми инкишоф ва

ташаккули самтҳои арзишманди шахсияти хонандагон, наврасон, ҷавонон ва калонсолон мебошад.

Роҳбари маҳфил метавонад, ки дар рафти таҳсилоти иловагӣ мондашавии хонандагони имкониятаашон маҳдуддошта ро зуд бо такя аз воситаҳои машқҳои логопедӣ, бозиҳои логопедӣ, машқҳои сенсорӣ ва дигари фаъолияти маҳфил бартараф созад, то вазифаи дар наздашон гузоштаро дар сатҳи баланд ва мувофиқ ба талабот иҷро намоянд.

Дар автореферат нақшаҳои маҳфилҳои эҷодӣ барои рушди фардӣ на танҳо ба хонандагони имкониятаашон маҳдуддошта, балки ба оилаи онҳо низ таъсирпазир шудааст. Он корҳои эҷодии фарзандони имконияти маҳдудиятдоштаашонро дар омӯзиш оид ба тадбирҳои барқарорсозӣ ва ислоҳи муносибатҳои оилавӣ дар бар мегирад. Вазифаи волидайн дар корҳои эҷодӣ аз он иборат мебошад, ки хонандагони имкониятаашон маҳдуддоштаро дар ошкор кардани иқтидори инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо, дар ташаккул додани яке аз қобилиятҳои онҳо ҷуброн карда мешавад, инчунин дар иҷрои корҳои эҷодии онҳо ва дар оянда таъмин намудани ҳамгироии ҳадди аксар ба ҷомеаи муосир онҳо низ мусоидат менамоянд.

Дар фишурда изҳори ақида намудааст, ки дар маҳфилҳои эҷодӣ баъзан ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки хонандагони имкониятаашон маҳдуддошта бо сабабҳои гуногун дар иҷрои супоришҳо душворӣ мекашанд. Бо ин мақсад усулҳои ёрирасон истифода мешаванд. Хонандагон новобаста аз маҳдудияташон дорои сатҳи гуногуни дониш, маҳорат, қобилият ва истеъдоди инкишофёфта мебошанд. Аз хонандагони имкониятаашон маҳдуддошта марбут ба дараҷаи инкишофи қобилияти эҷодии бо хонандагон аз рӯйи 3-равия ба маҳфил ҷалб карда мешаванд. Ба хонандагони шуъбаи 1-ум хонандагоне дохил мешавад, ки сустшунавои дараҷаи сабуканд, ба шуъбаи 2-юм хонандагоне дохил мешавад, ки сустшунавои дараҷаи миёнаанд, ва ба шуъбаи 3-юм хонандагоне дохил мешавад, ки сустшунавои ёрирасон ном дошта,

дараҷаи вазнинро дар бар мегирад. Ин шӯъбаҳоро дар муассисаҳои махсус барои хонандагони сустшунаво мутаалиқ мебошад.

Самти яке аз корҳои ислоҳӣ инкишоф додани малакаҳои хуби моторӣ дар маҳфилҳои самти эҷодӣ дошта мебошад, зеро дар ХИМ-дошта ҳангоми кор бо чӯб, навохтани асбобҳои мусиқӣ, кашидани расм корҳои моторикаи дастонаш инкишоф дода мешавад.

Дар айни замон ба таъмини ҳуқуқҳои баробари ХИМ-дошта, дар таҳсилоти иловагӣ эътибори махсус дода мешавад. Ҳадаф аз иштирок дар таҳсилоти иловагӣ дар ХИМ-дошта тавонбахшии иҷтимоикунонии иҷтимоӣ ва ташаккул додани фарҳанг, тавассути фаъолияти эҷодӣ ба эътибор гирифта мешавад, зеро фарогирии ХИМ-дошта дар ҷомеа бояд таъмин карда шавад. Кори таҳсилоти иловагӣ бо ХИМ-дошта, дар баробари дигар ҷанбаҳои педагогӣ инчунин онҳоро омода кардан ба озмуну фестивалҳо буда, ҳамин тавр бо маром мақсаднок барои зиндагӣ тайёр карда мешаванд. Дар автореферат эрод надорам. Фишурда ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарриз: Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва
робитаҳои байнифарҳангӣ
Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳи ва
соҳибкории Тоҷикистон Умаров Абдурахмон
Саидахмадович

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хб. Борбад 48/5, Тел: +992938-94-16-89,
E-mail: **abdurahmon45@mal.ru**

Имзои А.С. Умаровро тасдиқ мекунам.
Сардори райёсати кадр ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

23.10.2026 с.